**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар аввали асри XXI: Шароитҳо ва хусусиятҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ Мамадқулова Р.О. ба омӯзиш ва таҳқиқи яке аз мавзӯъҳои мубрами имрӯз – таърихи ташаккул, таҳаввул, шароитҳо ва хусусиятҳои робитаҳо ва ҳамкориҳои байнидавлатии ду кишвари ҳамсоя ва шарик – Тоҷикистон ва Узбекистон дар аввали асри **XXI** бахшида шудааст.

Тавре маълум аст, баробари дастёбӣ ба истиқлолияти комили давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки бо давлатҳои дунё, ба вижа кишварҳои ҳамҷавори Осиёи Марказӣ робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ устувор намуда, онҳоро ҳамаҷониба ривоҷ диҳад.

Дар миёни кишварҳои минтақа ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Узбекистон бо туфайли доштани марзҳои муштарак, вижагиҳои мавқеи ҷуғрофӣ, имкониятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ дар низоми сиёсати хориҷии мамлакат авлавияти хос касб кардааст. Маҳз ҳамин амр омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи таърихи устуворшавӣ ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон мубрам гардондааст.

Гуфтанист, ки ҳамкориҳои мардуми тоҷик бо мардуми ҳамсояи узбек ҳануз дар даврони мавҷудияти Давлати Шуравӣ муназзам ва дар пайвастагӣ ва алоқамандӣ сурат мегирифт ва дар даврони истиқлолият мазмуну мундариҷаи нав бо худ гирифт. Ба он маънӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дустона ва ҳамсоягии некро бо Ҷумҳурии Узбекистон афзалиятнок медонад. Ҷониби Узбекистон ҳам борҳо аз минбарҳои баланд ва музокироту машваратҳои дуҷонибаву чандҷониба изҳор намудаанд, ки рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳо бо Тоҷикистон, таҳкими ҳамсоягии нек ва шарикии баробарвазн ба манфиатҳои дарозмуддати Узбекистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, омузиши амиқу фарогир, таҳлили мушклоту, имкониятҳо, афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои ду кишвари ҳамҷавор хеле мубрам ва актуалӣ ба назар мерасад.

Дар автореферати мазкур раванди истиқрор ва ташаккули ҳамкориҳои ду кишвар дар солҳои душвори таҳкими давлатдориҳои миллӣ мавриди омузиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Мурочиати муаллиф ба таърихи ҳамкориҳои ду халқи бародар дар даврони шуравӣ тасодуфӣ

нест, зеро муаллиф ишора ба он дорад, ки маҳз дар ҳамон давра таҳкурсии устувори ҳамкориҳои ҳамаҷониба гузошта шуда, ҳамкориҳои имрӯза албатта бо назардошт ва вижагиҳои давлатдориҳои соҳибихтиёр давоми мантиқии онҳост. Воқеан дар муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ тағийроти куллӣ ба амал омада, рӯз то рӯз сатҳ ва миқёси муносибатҳо баланд ва васеъ мешаванд. Аз ин рӯ, дар ин фасл муҳимтарин масоили рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба баррасӣ гардида, роҳу усули пешбурди ин муносибатҳои пешниҳод гардидаанд. Автореферат ҳамзамон фарогири муҳимтарин масъалаҳое мебошад, ки ба рушди муносибатҳои байнидавлатӣ монеъ гардидаанд ва дар ин робита масъалаи сарҳад ва раванди ҳалли ин мушкилот алоҳида баррасӣ гардидааст.

Дар автореферат муаллиф ба вазъ ва вижагиҳои ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар қаринаи сиёсати «Дарҳои кушод»" таваҷҷӯҳ нам уда, маҳз ба кушодану таҳлил кардани самтҳо, авлавиятҳо дар робитаҳои илмиву фарҳангӣ ва инчунин таҳқиқи масъалаи усулӣ – вазъияти номусоид дар робитаи ду кишвар бо номи сардшавии муносибатҳои байнидавлатӣ бар иллати омилҳои объективию субъективӣ машғул шудааст. Вижагӣ ва фарқи тадқиқоти мазкур аз тадқиқотҳои пешин дар мавзӯи ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар он аст, ки муаллиф бо такя ба асноди боэътимод ва маълумотҳои навин кушидааст, ки сабабҳо ва омилҳои сардшавии муносибатҳоро дар ибтидои асри ҳозир объективона ва беғаразона аз рӯи мантиқи адолати таърихӣ нишон дода, камбудиву мушкилотеро, ки дар робитаи ду кишвар ба мушоҳида расид, таҳлил намуда мавқеи усулии роҳбарияти кишвари моро сареҳан нишон диҳад. Ва гуфтан мумкин аст, ки то андозае ба он муваффақ ҳам шудааст.

Муаллиф инчунин ба шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ таваҷҷӯҳи хоса намуда, бо овардани далелу пешниҳодҳои муътамад хотиррасон карданист, ки ҳамкориҳои кишварҳои ҳамсоя ва дуст муваққатӣ набуда, балки муназзам ва пайгирона сурат гирифта, пешомади бузурге онҳоро интизор аст. Ин нуктаҳоро бахусус тавсеаи робитаҳои ду кишвар тайи солҳои охир ва то ба сатҳи шарикии стратегӣ баровардани онҳо тақвият мебахшад. Маҳз шарикии стратегӣ ба андешаи муаллиф заминаи устувори сиёсиву ҳуқуқӣ барои суботи робитаҳо дар миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат хоҳад гардид.

Хулосаи автореферат метавон гуфт, ки ҷамъбасти мантиқии таҳқиқоти анҷомёфта буда, муаллиф ҳамзамон пешниҳодҳои ҷолибро, ки

барои вусъат ва умқёбии ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя дарояндаи наздик мусоидат хоҳанд кард, ироа кардааст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферат , пайдарҳамӣ ва васли мантиқии андешаҳо, таҳлилу натиҷагириҳои мантиқан асоснок карда шуда ва баёни андешаҳо далели он аст, ки, муаллиф малакаи хуби таҳлилу баррасии ҳодиса ва воқеаҳо дорад ва бо истифода аз услубу равишҳои тоза таҳқиқоти мукаммалро ба анҷом расондааст.

Бо назардошти аҳамияти мавзуъ ва натиҷаҳои ба дастомада метавон хулоса намуд, ки автореферати Мамадқулова Раъно Олимовна дар мавзӯи "Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар аввали асри XXI: шароитҳо ва хусусиятҳо" ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

Муқарриз: Директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, д.и.т., и.в. профессор Б.П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода
«28» 08 с. 2025

Нишонӣ:734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 938 32 27 68, 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru